**ПРОТОКОЛИ № 25**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036

назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 28 июни соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 18/шд тамдидгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович, аъзои комиссияи экспертӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода ва Джамирова Леммара Иосифовна баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Эшонқулова Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Ҷамшедов Парвонахон -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**;**
- **Камолова Гулрухсор Рустамовна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ;

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии таълимии **“Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”** пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 04.10.2025, соати 15:30 таъйин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 9 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Турсунов Ф.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент — Ҳасанова Ш. Р.